Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, кучаи Айнӣ, 44

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Ғафурзода Сорбон Хушдил дар мавзӯи "Такмили механизми таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт (дар мисоли корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (Амнияти иқтисодӣ)**

Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисод ва афзоиши рақобати бозорӣ, таъмини амнияти иқтисодӣ яке аз муҳимтарин самтҳои сиёсати давлатӣ ва идоракунии иқтисодии кишварҳо маҳсуб меёбад. Амнияти иқтисодӣ ба суботи иҷтимоӣ, рушди устувори истеҳсолот, истифодаи самараноки захираҳои миллӣ ва ҳифзи манфиатҳои стратегӣ таъсири бевосита мерасонад. Ҳифзи иқтидори истеҳсолӣ, таъмини мустақилияти молиявӣ ва рушди инноватсионӣ аз омилҳои асосии пойдории амнияти иқтисодӣ ба ҳисоб меравand. Дар ин замина, таҳқиқи роҳҳои такмили механизми таъмини амнияти иқтисодии соҳаҳои калидӣ, бахусус саноати коркард, дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Автореферати диссертатсияи пешниҳоднамудаи Ғафурзода Сорбон Хушдил ба ҳамин масъалаи муҳим бахшида шуда, масъалаи такмили механизми таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт-ро мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор додааст. Мавзӯъ аз нигоҳи илмиву амалия нав ва ба талаботи рӯзмарраи рушди иқтисоди миллӣ мувофиқ аст.

Муаллиф дар кори худ масъалаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии таъмини амнияти иқтисодиро таҳқиқ намуда, хусусиятҳои рушди соҳаи саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо хусусиятҳои иқтисодиёти инноватсионӣ пайваст намудааст. Дар кори илмӣ омилҳои дохилию хориҷии таъсиррасон ба амнияти иқтисодӣ таҳлил гардида, роҳҳои кам кардани хатарҳо ва баланд бардоштани устувории иқтисодӣ пешниҳод шудаанд.

Ғафурзода С.Х. бо истифода аз усулҳои таҳлили муқоисавӣ, моделсозӣ ва таҳлили системавӣ, модел ва механизми амалии таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноатро таҳия намудааст, ки дорои арзиши илмӣ ва тавсиявии баланд мебошад. Натиҷаҳои бадастомада барои баланд

бардоштани рақобатпазирии истеҳсолот, густариши иқтидори содиротӣ ва ҳифзи манфиатҳои иқтисодии миллӣ мусоидат мекунанд.

Аз ҷиҳати сохтор, мазмун, асоснокии назариявӣ ва мукаммалии таҳлил, автореферат ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Забои ва услуби баён равон буда, хулосаҳо бо далелҳои илмӣ асоснок шудаанд.

Чун тавсия барои корҳои оянда қайд менамоем,ки пешниҳодҳои сиёсӣ ва идоракунӣ, ки дар охири таҳқиқот оварда шудаанд, арзишманданд, вале барои татбиқи амалӣ онҳо метавонанд бо нишон додани марҳилаҳои иҷро ва манбаъҳои молиявии дастгирӣ мукаммал гарданд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Ғафурзода Сорбон Хушдил дорои навоварии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ буда, метавонад ба рушди соҳаи саноат ва таҳкими амнияти иқтисодии кишвар саҳми назаррас гузорад.

Бо назардошти муҳтавои илмӣ ва аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастомада, диссертатсияи мазкур пурра ба талаботи соҳавӣ ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (Амнияти иқтисодӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи назарияи иқтисодии
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров" Исмоилов М.М.
«04» 11 соли 2025
Исмоилов Мамараҳим Мирзораҳимович, тел.: +992 92 775-67-55
E –mail: mamarahim@mail.ru
Имзои д.и.и., профессор М.М.Исмоилов -ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси раёсати МДТ "ДДХ ба номи
ак. Б. Ғафуров" Сайдуллозода З.С.

**Суроға:** 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш.Хуҷанд,
гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Телефон: (+992 3422) 6-52-73,
Факс: (+992 3422) 6-75-18.
E – mail: hgu-rector@hgu.tj.
«04» 11 соли 2025